*ТДУ 37*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-34-42*

# *МОҲИЯТИ ТАЪРИХИИ МАКТАБИ МАҚОМСАРОИ ВОҲАИ ХУҶАНД ВА ТАЪСИРИ ОН БА МАНОТИҚИ ҲАМҶАВОР*

***Убайдуллоев Сайдулла Гайбуллаевич,*** *дотсент, унвонҷӯи кафедраи мусиқии суннатии тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ИСТОРИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ ХУДЖАНДСКОЙ ШКОЛЫ МАКОМА И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА СОСЕДНИЕ РЕГИОНЫ*

***Убайдуллоев Сайдулла Гайбуллаевич,*** *доцент, соискатель кафедры традиционной таджикской музыки ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *HISTORICAL ESSENCE OF THE KHUJAND MAQOM SCHOOL AND ITS INFLUENCE ON NEIGHBORING REGIONS*

***Ubaydulloev Saidulla Gaibullaevich****, associate professor, research worker of the Traditional Tajik Music Department of the SEI "KSU named after acad.B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail****:saydullo63@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ****: мактаби мақомсароии Хуҷанд, анъанаҳои мусиқии ҳирфаӣ, мактаби «устод-шогирд», ҳофизони барҷастаи Хуҷанд, фарҳанги мусиқии тоҷик*

*Мақола ба баррасии масъалаи моҳияти таърихии мактаби мақомсароии Хуҷанд ва таъсири он ба рушди мақомсароӣ дар манотиқи ҳамҷавори он бахшида шудааст. Қайд мешавад, ки дар натиҷаи роҳ ёфтани анъанаҳои мусиқии мардумӣ ба ашъори классикии тоҷикӣ ва дар дарбори хонҳо васеъ паҳн гардидани назми форсии тоҷикӣ, маъмул гардидани ҳунари танбурнавозӣ, таъсиси устохонаҳои созтарошӣ, ба вуҷуд омадани рақобати эҷодӣ, баробари мактабҳои хусусии ҳунарҳои мардумӣ таъсиси мактаби «устод-шогирд» ба ташаккули мактаби мақомсароии Хуҷанд ва гирду атрофи он мусоидат намудааст.Тазаккур меравад, ки ташаккули мактаби мақомсароии воҳаи Хуҷанд ба нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX мансуб аст. Ҳаққи устодӣ доштани ҳофизони барҷастаи ҳамон замон – Худойбердӣ Ҳофиз(Зебопарӣ), Умар Ҳофиз ва Содирхон Ҳофиз ба аксар мақомсароёни Исфара, Хуҷанд, Тошканд, Фарғона, Марғилон собит гардидааст. Қайд мешавад, ки маҳз дар натиҷаи интиқоли анъанаҳои касбӣ бо мактабҳои мақомсароии манотиқи ҳамҷавор, мактабҳои илмӣ ва амалии мусиқӣ сурат гирифтааст, ки он тавассути усули «устод-шогирд» амалӣ гардида, барои идома ёфтани анъанаҳои бисёрасраи фарҳанги мусиқии тоҷик ташаккули хусусиятҳои мусиқии классикӣ мусоидат намуд.*

***Ключевые слова:*** *школа макомистов Худжанда, традиции профессиональной музыки, традиционная система ученичества ("устод-шогирд"), выдающиеся хафизы Худжанда, таджикская музыкальная культура*

*Статья посвящена рассмотрению исторической сущности Худжандской школы макома и ее влиянию на соседние регионы.Отмечается, что в результате приобщения таджикской классической поэзии к народным музыкальным традициям и благодаря распространению таджикско-персидской поэзии при ханском дворе, популяризации игры на танбуре, созданию мастерских по изготовлению музыкальных инструментов, возникновению творческой конкуренции с частными школами народного творчества, созданию школы «мастер-ученик» была сформирована школа макома в Худжанде и его окрестностях. Формирование школы макома в Худжанде относится ко второй половине XIX - началу XX вв. Доказано, что выдающиеся хафизы Худжагда того времени - Худойберди Хафиз (Зебопари), Умар Хафиз и Содирхон Хафиз оказали большое влияние на многих певцов макома Исфары, Худжанда, Ташкента, Ферганы и Маргилана. Отмечается, что в результате передачи профессиональных традиций школы макома соседних регионов были созданы научно-практические школы музыки по традиционной системе ученичества ("устод-шогирд") и это способствовало продолжению многовековой традиции таджикской музыкальной культуры и формированию особенностей классической музыки.*

***Key words:*** *Khujand maqom school, traditions of professional music, "master-disciple" school, outstanding hafiz of Khujand, Tajik musical culture*

*The article is devoted to the consideration of the historical essence of the Khujand school of maqom and its influence on neighboring regions. It is noted that as a result of the introduction of Tajik classical poetry to folk musical traditions and the spread of Tajik-Persian poetry at the Khan's court, the popularization of playing the tambor, the creation of workshops for the manufacture of musical*

*instruments, the emergence creative competition with private schools of folk art, the creation of a "master-apprentice" school, contributed to the formation of a maqom school in Khujand and its environs. The formation of the maqom school in Khujand dates back to the second half of the 19th - early 20th centuries. It has been proven that the outstanding hafiz of Khujagd of that time - Khudoiberdi Hafiz (Zebopari), Umar Hafiz and Sodirkhon Hafiz had a great influence on many maqom singers of Isfara, Khujand, Tashkent, Fergana and Margilon. It is noted that as a result of the transfer of professional traditions of the maqom school to neighboring regions, scientific and practical schools of music were created, which was implemented according to the traditional apprenticeship system ("ustod-shogird"), which contributed to the continuation of the centuries-old tradition of Tajik musical culture and the formation of the characteristics of classical music.*

Мероси мусиқии халқи тоҷик дар давоми чандин садсола мураттаб гардида, то замони мо асосан ба воситаи услуби анъанавии "устод–шогирд" аз тарафи ҳофизон, мутрибон ва гӯяндагон омада расидааст. Дар маҷмуъ мероси мусиқии халқи тоҷик аз эҷодиёти созиву овозӣ, таронаҳои гуногуни маросимӣ(сурудҳои туёна, наврӯзиҳо) анъанаҳои ҳамосасарой, сурудҳои меҳнат(шабоҳангҳои хирманкӯбон), байтхониву рубоихонӣ иборат мебошад.

Ғайр аз ин ба доираи ҳамин мерос намунаҳои мухталифи мусиқии мазҳабӣ – суннатҳои аҷоиби тиловати Қуръон, азонхонии мутанаввеи муаззинҳо, "ё Ҳақ"-хониҳои дарвешон, ғазалхониҳои маддоҳон низ дохил мешаванд. Бояд гуфт, ки дар муҳтавои кулли ин падидаҳои анъанавӣ таъсири бевоситаи услуби овозхонӣ, истифодаи лаҳну зарбҳо, эътирофи овози хуш (масалан дар фаъолияти муаззинҳо) пайваста мушоҳида карда мешавад.

Дар доираи хеле фарохи анъанаҳои мусиқии мардумӣ аз оғози асрҳои XVIII-XIX, аниқтараш пас аз васеъ паҳн гардидани анъанаҳои назми форсии тоҷикӣ дар дарбори хонҳои Хива, Бухоро ва Хӯқанд ва устувор гардидани таҷрибаи қадимии маҳз бо оҳанги мусиқӣ иҷро кардани намунаҳои онҳо, дар ин минтақа зина ба зина навъҳои таърихан нави мусиқӣ - оҳангу таронаҳои ба ашъори классикӣ (аксаран тоҷикӣ) басташуда, ба вуҷуд меоянд. Ҳамин гуна ҳунармандони оҳангсозу иҷрогаронро минбаъд "бастакор" ном мебаранд.

Баъзе аз хонҳои Хӯқанд(масалан Амирӣ) шеърдон, мусиқидон ва шоир низ буданд ва дар дарборашон ҳамеша бо иштироки аҳли илм, тоҷирон, шоирон, наққошон намояндагони дину мазҳаб базми шеъру суруд ташкил мекарданд. Дар ҳамин давра ба доираи фарҳангии водии Фарғона (Хӯқанд, Исфара, Хуҷанд) ворид шудани анъанаҳои мусиқии ҳирфаӣ, хусусан маъмул гардидани танбӯрнавозӣ, бо оҳангҳои классикӣ ("Ушшоқ", "Наво", "Сегоҳ", "Ироқ") сароидани ашъори шоирони давр ва классик дар натиҷа ба яке аз омилҳои ташаккули мактаби мақомсаройӣ табдил мегардад. Дар ин вазъият сатҳи хеле баланди завқи бадеӣ, қудрати шунавандагӣ ва шавқи аҳли адабу илм ба санъати мусиқии баланд(мақомсаройӣ, танбурнавозӣ ва ғ.) ҳамчунин ба рушди ҳунари сароядагии услуби классикӣ саҳмгузор шуда буданд.[2] Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки шеър ва оҳанги классикӣ ҷузъи олами маънавии на танҳо аҳли дарбор, балки доираи васеи ҳунармандону косибон гардиданд.

Дар хусуси рушду такомули таҷрибаи бузурги зебоишиносӣ, яъне пайвандии каломи мавзун ва мусиқии касбӣ пажӯҳишоти мутаддиде анҷом дода шудаанд, ки дар байни онҳо монографияи А.Низомӣ "Шашмақом ва назми форсии тоҷикӣ", корҳои илмии Ф. Азизӣ, А. Абдурашидов, Н. Ҳакимов, Р. Аминҷонов, Б. Саидкаримов, Р. Амоновро номбар кардан зарур аст [1, с.68-74; 2, с.28-37; 3, с.52; 4, с.26; 5, с.120; 6, с.399; 7, с.167; 9, с.228; 10, с.296; 11, с.410; 12, с.252; 13, с.56-61; 22, с.278-281; 23, с.221-227; 24, с.181-191; 25, с.336-344; 26, с.296; 27, с.73-77; 28, с. 87-89; 29, с.382; 30, с.171-176; 31, с.7-25; 32, с.501; 33, с.31; 34, с.3-14; 35, с.102-108; 41, с.56. ]. Аз муҳтавои ин ва дигар таҳқиқот аён мегардад, ки дар майдони бузурги фарҳангии рушду такомули мусиқии ҳирфаии тоҷикӣ дар баробари шаҳрҳои Бухорову Самарқанд саҳми ҳунармандони Хуҷанд низ хеле назаррас ба шумор меравад.

Ин ҷо бояд нақши мактабу мадрасаҳоро низ зикр намуд, зеро аксар толибилмон дар ин муассисаҳо дар баробари илми фиқҳ қоидаҳои арӯз, қофия, тафсири ғазал, умумансанъати суханро меомухтанд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ки дар шаҳри Хуҷанд низ адади зиёди чунин мактабҳои хусусӣ ва мадрасаҳо амал мекарданд.

[2] Аз сарчашмаҳои таърихӣ ва осори бадеӣ (масалан, осори нависандаи маъруф Абдулло Қодирӣ) бармеояд, ки аслан дар ин гуна базму маҳфилҳо танҳо суруду мусиқии устодона роҳ дода мешуданд, яъне сурудҳои фолклорӣ ва таронаҳои мардумӣ дар он иҷро намешуданд.

Омӯзгорони ин мактабҳо дар аксар ҳолат имомҳои масҷид ва дигар шахсони босаводу илмдори шаҳр буданд ва аз ашъори Хоҷа Ҳофиз, Саъдӣ, Бедил низ ба шогирдон дарс мегуфтанд[15,с.154]. Масалан, аз рӯи ахбори А.А.Кушакевич дар нимаи дуюми асри XIX дар шаҳри Хуҷанд зиёда аз 38 мактаб амал мекард, ки дар онҳо 440 талаба савод мегирифтанд [16, с.52]. Дар ин давр Хуҷанд бо теъдоди мадрасаҳои худ яке аз машҳуртарин шаҳрҳои Осиёи Миёна ба шумор мерафт. Дар он ҳамагӣ 24 мадраса амал мекарданд, ки 530 толибилмро фаро мегирифт. Шахсиятҳои маъруфи замон – Шайдои Хуҷандӣ, Шӯхии Хуҷандӣ, Лисонии Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ аз қабили шогирдони ҳамин мадрасаҳо буданд [18, с.135].

Мутаассифона, роҷеъ ба инкишофи мусиқии классикӣ ва ҳатто ҷараёни ташаккули оҳангҳои мардумии ҳамин давра маълумоти пурра дар даст нест. Дар тафовут аз асарҳои рассомон, наққошон, шоирону нависандагон, ки дар бораи фаъолияти эҷодии онҳо маълумот нисбатан зиёдтар аст, дар бораи ҳофизону мутрибони он замон маълумоти андаке ҳасту бас. Мо танҳо метавонем дар бораи равиши санъати мусиқӣ ғайримустақим тахмин намоем.

Ҳаёти мусиқии шаҳри Хуҷанд ва атрофи он аслан тибқи ду ҷанбаи ба ҳам пайванд – яке мусиқӣ ва суруду таронаҳои мардумӣ, ки аз ҷониби ҳаваскорон(яъне ғайриҳирфаӣ) иҷро карда мешуданд ва ба ниёзҳои рӯзмарраи бадеиву эстетикии оммаи мардум ҷавобгӯ буданд. Ҷанбаи дуюм доираи нисбатан маҳдуди фаолияти ҳунармандонеро фарогир буд, ки онҳо албатта, дар дараҷаи гуногун, идомадиҳандаи суннатҳои хеле қадимаи мусиқии ирфонӣ, талқини маъниҳои назми классикӣ, истифодаи низоми маъруфи силсилахониҳои Дувоздаҳмақом, ҳамовозӣ бо созҳои мураккаб ва нозуки танбӯр, дутор, ғижжак, риояи қавонини зарбу усулҳои маъруф(тарҷеъ, гардун, уфар, соқинома ва ғ.) ба шумор мерафтанд.

Маҳз фаъолияти ҳамин доираи ҳирфаӣ(яъне касбӣ) дар тӯли садсолаҳои охир заминаи мусоидро барои ташаккули равияҳои гуногунранг ва сабку услуби нозуки мақомсароӣ ба вуҷуд овардаанд. Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки ибораи "мусиқии касбӣ" ба эҷодиёти ҳамин доира мансуб аст ва қабл аз ҳама ба он ишора мекунад, ки ҳунармандони доираи ҳирфаӣ ризқу рӯзиашонро асосан аз рӯи ҳамин касб, яъне мутрибиву ҳофизӣ ба даст меоранд. Аз ҳамин сабаб дар илми мусиқишиносии муосир маҳсули эҷодиёти онҳоро "мусиқии касбӣ-халқӣ" меноманд.[3]

Дар Хуҷанд аз қадим базмҳои шеъру мусиқӣ аз ҷониби аҳли адаб, маърифатпарварон, косибон, нафароне ки ба тиҷорат, китобат, хаттотӣ, мударрисӣ ва дигар шаклҳои машғулияти рӯзгузаронӣ банд буданд, баргузор карда мешуданд. Яъне онҳо имкони шояд ҳафтае як маротиба дар меҳмонхонаҳо ё худ ҳавлиҳои шахсони сарватманд ҷамъ шуда, базм карданро доштанд. Албатта, ин базмҳо ҳатман бо иштироки шоирон, олимон, ҳофизону мутрибон мегузашт ва сатҳи маърифати шунавандагон тақозо менамуд, ки сароянлагон репертуари воло, пурмаънӣ ва мувофиқи табъи ҳозиринро пешниҳод намоянд.

Худ ҳамин вазъият аз онҳо тайёрии ҳамаҷонибаи касбӣ, интихоби дурусти оҳангу шеърҳои пурмазмун, истифодаи созҳои мусиқии касбӣ, риояи одоби муоширот бо аҳли давра ва дигар нозукиҳоро талаб менамуд. Худ аз худ маълум аст, ки дар асноиi баргузории чунин маъракаҳо суруду таронаҳои оммавӣ, байтҳои фолклорӣ, шеърҳои омиёна садо намедоданд.

Услуби асосӣ дар ин ҳолат сароидани ғазалу мухаммас ё худ дигар анвои назми классикӣ буд. Ҳамин гуна талаботи махсус ва мавҷуд будани рақобати ҳатмии эҷодӣ ҳунармандонро маҷбур месохт, ки барои такмили маҳорат, ҷустуҷуи намунаҳои волои мусиқии классикӣ, риояи сатҳи баланди иҷро, одобу услуби рафтори шахсӣ ва дигар нозукиҳои касбияшонро баланд бардоранд.

Маълум мегардад, ки вуҷуди ниёзҳои хосаи ҷомеъа, баргузории пайвастаи базму нишастҳои аҳли адаб, васеъ паҳн гардидани сарчашмаҳои назми форсии тоҷикӣ, таъсиси устохонаҳои созтарошӣ, ба вуҷуд омадани ҳолати табиии рақобати эҷодӣ яке аз заминаҳои воқеии ташаккули мактаби мақомсароӣ дар Хуҷанд гардиданд.

Нуктаи муҳиме ки бояд илова намуд, он аст, ки дар ҳамин вазъ дар баробари таъсиси мактабҳои хусусии хаттотӣ, қоригӣ, наққошӣ, кандакорӣ ва дигар намудҳои ҳунари мардумӣ дар шаҳрҳои калони водии Фарғона, аз ҷумла Хуҷанд анъанаи таъсиси мактаби "устод-шогирд" ривоҷ ёфт.Ҳунармандони соҳаи мусиқӣ маҳз аз рӯи ҳамин анъана назди устодони забардасти

[3] Ин истилоҳ албатта аз тарҳи русии "народно-профессиональная музыка" гирифта шудааст, вале бояд иқрор шуд, ки дар ҳар сурат истифодаи он ба муҳтавои эҷодиёти ҳунармандони доираи ҳирфаӣ мувофиқат мекунад.

ҳунар ба шогирдӣ меомаданд ва муддати дароз (то якчанд солу моҳ) аз устодон ҳунар меомӯхтанд.

Масъалаи таҳқиқи роҳҳо ва хусусиятҳои таърихиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккули мактаби мақомсароии Хуҷанд, ҳарчанд ки дар як қатор рисолаи илмӣ, монография ва диссертатсия доир ба ин масъала ишораву қайдҳо ва маълумоти муфид оварда шудаанд, то ба ҳол ба дараҷаи зарурӣ омӯхта нашудааст.Муаллифони ин сарчашмаҳо бештар ба тавсифи ҳунари ин ё он сароянда ё бастакорони маъруф таваҷҷуҳ намудаанд [44, с.10-11; 40, с.34; 44, с.96; 9, с.228].

Дар маҷмуъ аксар муаллифони зикргардида бар онанд, ки оғози ташаккули мактаби мусиқии баланду устодонаи Хуҷанд, хусусан мақомсароӣ ба нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX мансуб аст. Дар ин маврид, пеш аз ҳама, пайдо шудани муҳити мусоиди иҷтимоиву фарҳангӣ, рушди соҳаҳои ҳаётан муҳим (корхонаҳои нав, васеъ шудани майдони киштукор, беҳтар гардидани авзои иҷтимоии мардум ва ғ.), таъсиси намунаҳои таърихан нави муносибатҳои ҷамъиятӣ (ташкили чойхонаҳо, баргузории базму хурсандиҳои аҳли илму адаб) омили муассир шудаанд.

Масалан, дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ташаккули мактабҳои хусусии мақомсароӣ аз рӯйи услуби "устод-шогирд" дар воҳаи Хуҷанд ба назар мерасанд, ки дар бунёди онҳо саҳми як зумра ромишгари маъруфи ҳамон давру замон назаррас аст.

Муҳаққиқон фарҳанги воҳаи Хуҷанд доир ба ҳамин масъала номи ҳунармандони маъруф – Зебопарӣ(Абдурраҳмон Худойбердӣ), Умар Ҳофиз, Раҳматхоҷа Эшон, Мирзо Қорӣ Раҳимов, Ибни Ямин (Асомаддинов), Иброҳимҷон Норматов, Мирзоқурбон Солеҳов, Муҳаммадҷон Шарифов, Абдусаттор Асроров, Исмоилҷон Юнусов, Азизхоҷа Саидов (Бобо райҳон), Абдуғанӣ Ҷӯраев, Шарифҷон Мирзоев, Муродҷон Юлбарсов, Оқилхон Мамадов, Абдураҳим Шерматов, Исмонҷон Юсуфов, Қорӣ Миразиз, Тӯра Ҳофиз, Қаҳҳор Ҳофиз, Қорӣ Мамадҷон, Қорӣ Носир, Ҷӯрабой Юсуфов(Ҷӯра-найнавоз), Шарофиддини чангнавоз, Миразиз-қорӣ ва дигаронро зикр намуда, таъкид менамоянд, ки маҳз ҳаминҳо дар ҷараёни тарбияи шогирдони мақомсаро саҳми бузург доранд[39, с.3-4]. Аз тарҷимаи ҳоли устодони дар боло зикргардида маълум мешавад, ки аксари онҳо аз шаҳри Исфара, Хуҷанд, Конибодом ва Истравшан буда, дар айёми гуногун зиндагӣ ва фаолияти эҷодӣ намудаанд.

Аз ин миён шахсиятҳои варзидаи он замон – устод Зебопарӣ, Умар Ҳофиз, Қорӣ Мамадҷон, Содирхон Ҳофиз, Бузургхонтӯра, Муҳаммадаминхоҷа Кошиф, Мақсудҷони Танбӯрӣ, Очил Дуторӣ, Зокирҷон Аюбҷонов, Маъруфхоҷа Баҳодуровро ба алоҳидагӣ қайд намудан ҷоиз аст. Ҳар яке аз инҳо соҳиби услуби хоса, репертуари ғанӣ, сабки ҳирфаии овозхонӣ доштанд ва дар баробари ин аз онҳо оҳангҳои муаллифии хеле зиёд ба мерос мондааст. Бо эътимод метавон гуфт, ки маҳз ҳамин зумра ҳунармандон анъанаи қадимии "бастакорӣ"-ро ривоҷ дода, бо истифода аз донишу маҳорати хеш ба бунёди мактаби мақомсароии Хуҷанд поягузор шудаанд.

Бузургтарин устоди мақомсарои он давра Умархон Ҳофиз ба шумор меравад, ки ӯ ба аксар мақомсароёни Хуҷанд, Исфара, Тошканд, Фарғона ҳаққи устодӣ дорад.[4]

Дар мавзеи Конибодом низ як идда устодон – Исмоили Ноӣ, Абдуқодир Исмоилов, Мирзобобо Аҳмадов, Ҷӯрабой Бобоев, Ҷӯрахон Искандаров ба ҳунари мақомсароӣ машғул буданд, яъне доираи фаолияти мактаби Хуҷанд аз ин ҳисоб боз ҳам фарохтар мегардид [36, с.28-29].

Дар Хуҷанд дар баробари Содирхон Ҳофиз, Маъруфхоҷа Баҳодуров, Мақсудҷони Танбӯрӣ, Ӯрунбой Дадобоев инчунин шоир ва ҳофиз Бузургхонтӯра, Муҳаммадаминхоҷа Кошиф, Мулло Муҳаммадкарим, Мирзоабдуллоҳ Ҳофиз Фаёзов, Зоҳирхон Ҳофиз, Тӯрахоҷа Ҳофиз, Салоҳхон Ҳофиз, Усто Қурбони танбӯрӣ, Абдурасул-бойбачаи ғижжакӣ, Очил-дуторӣ, Сулаймон Қорӣ, Муҳиддин Мавлонов, Наимҷон Азимов, Маҳмудҷон-отаи танбӯрии тошкандӣ, Абдуқодир Каримов, Муҳаммадамин Назиров, Зокирҷон Аюбҷонов, Саидҷон Расулов, падар ва писар Мирсолеҳ Мирабдулло, Абдунабӣ Махсуми Булбули дуторӣ, Каримҷон Ҳофиз барин ҳунармандони машҳур бо репертуари асарҳои классикӣ, иҷрои бобҳои парокандаи мақомҳо фазои маънавии ҷомеаро оро медоданд [45, с.10-11].

[4] Масалан, маълум аст, ки яке аз ҳунармандони маъруфи ӯзбек Мулло Тӯйчӣ Тошмуҳаммадов аз ҷумлаи шогирдони Умар Ҳофиз будааст.

Яке аз саромадони мактаби мақомсароёни воҳаи Хуҷанд Умар Ҳофиз (Мадумар Ҳофиз) ба шумор меравад. Ӯ аслан зодаи Исфара буда бо ҳунармандони зиёде аз қабили Мулло Тӯйчӣ Тошмуҳаммадов, Маҳмудҷон-отаи танбӯрии тошкандӣ ошноӣ ва ҳамкории зич дошт. Баъдан Мулло Тӯйчӣ, ки чанд сол дар шогирдии Умар Ҳофиз қарор дошт, дар Тошканд шуҳрат пайдо намуда ба дараҷаи устодӣ мерасад. Яке аз муҳаққиқони Ӯзбекистон Р.Қосимов доир ба сарчашмаҳои маҳорати мулло Тӯйчӣ чунин навиштааст: "Аз тарҷимаи ҳоли Мулло Тӯйчӣ маълум аст, ки ӯ аз Мадумар Ҳофизи исфарагӣ таълим гирифтааст, дар навбати худ Мадумар Ҳофиз шогирди ҳофизи маъруф бо тахаллуси "Зебопарӣ" будааст" [45, с.98].

Дар адабиёти илмӣ бахшида ба Шашмақом баъзан маълумоти дақиқу носанҷида ва ғаразнок низ дучор мешавад. Масалан, доир ба аҳвол ва осори Мадумар Ҳофизи исфарагӣ муҳаққиқи ӯзбекистонӣ О.Матёқубов навиштааст, ки гӯё Мадумар Ҳофиз аслаш аз Хӯқанд бошад[18, с.329, с.369; 19, с.133]. Ҳол он ки шоири ӯзбек Собир Абдулло дар яке аз достонҳояш "Назаре ба санъати халқамон"(“Санъатимиз тарихига бир назар”), ки аз он О.Матёқубов чанд порча дар китоби хеш овардааст, исфарагӣ будани Мадумарро равшан ифода намудааст:

*Кўп устозлар қаторида бу устоз ҳам хор бўлди,*
*Унинг ўрнин эгаллади исфаралик Мадумар*
*Абдуқаҳҳор, Хўжа Маъруф Исфарада туғилди,*
*Куй куйлашу лобарликда, соз чалищда бўлиб пар[18, с.91].*

*Тарҷума: Дар баробари устодони дигар ин устод ҳам хор шуд,*
*Ҷояшро Мадумари исфарагӣ соҳиб шуд.*
*Абдуқаҳҳор, Хӯҷа Маъруф дар Исфара ба дунё омаданд,*
*Дар сурудхонӣ, зебоӣ ва навохтани соз маъруф буданд.*[5]

Муаллифи мазкур дар яке аз рисолаҳояш силсилаи Ушшоқҳоро тавсиф намуда зикр кардааст, ки яке аз Ушшоқҳои маъруф "Ушшоқи Мадумархон" ном доштааст[18, с.235]. Устоди Мулло Тӯйчӣ будани Мадумар Ҳофизро Собир Абдулло дар достони мазкур таъкид намудааст:

*Мулла Туйчи излаб борди Мадумарни Тошкентдан,*
*Шогирд бўлди Мадумарга истеъдодли ёш ҳофиз [1, с.90-91;18,с.91]*

*Тарҷума: Мулло Тӯйчӣ аз Тошкент ба ҷустуҷуйи Мадумар сафар кард,*
*Ба Мадумар шогирд шуд, ин истеъдоди ҷавон.*

Ин ҷо шубҳае нест, ки шоири маъруф, ки худ донишманди таърихи водии Фарғона буд, ҳатто синну соли Мулло Тӯйчиро (яъне дар ҷавониаш шогирди Мадумар Ҳофиз шудааст!) таъкид намудааст. Дар бобҳои дигари ҳамин достон Собир Абдулло дар хусуси ба Қошғар сафар намудани Худойберди ҳофиз қисса менамояд ва ҳамзамон таъкид месозад, ки Худойбердӣ Ҳофиз аз Хоразм то ба Қошғар пиёда роҳ паймуда аз он ҷо ба Фарғона оҳангҳои зиёдеро дастовез овардааст [1, с.91]. Далели дигари таъсири мактаби мақомсароии Хуҷанд ба манотиқи ҳамҷаворро метавон дар истифодаи доимии дастурамали махсусе бо номи "Баёзҳои шашмақом" мушоҳида намуд. То ба замони мо комилтарин баёз аз Умар Ҳофиз мерос мондааст, ки дар ҳамон давра барои кулли устодони мақом (дар Хӯқанду Тошканд низ) маъхази асосӣ барои иҷрои мақомҳо ба ҳисоб мерафт. Пӯшида нест, ки матнҳои барои сарояндагон пешниҳод гардидаи ин баёзҳо асосан аз ашъори шоирони классики форс-тоҷик буданд, гарчанде ки як идда ғазалҳои Навоӣ, Фурқат, Машраб низ ҷой доштанд. Дар мақолаи корманди Институти шарқшиносии АФ Ӯзбекистон Ҳ.Аминов номгӯйи 36 бахши Шашмақом (аз қабили Чоргоҳ, Савти Дугоҳ, Таронаи Дугоҳ, Савти Гиря, Наът, Мискин ва ғ.) оварда шудааст, ки аксари онҳо бо ашъори тоҷикӣ суруда шудаанд. Муаллиф ҳамчунин илова намудааст, ки дар дохили Баёзҳо ашъори тоҷикӣ-форсӣ зиёдтар ҷой доранд [8, с.32-49]. Барои исботи он муаллифи мақола аз ҷумла чунин байтҳоро аз репертуари Мулло Тӯйчӣ мисол меорад:

*Шоҳи ман, мирзои ман,*
*Мирзои бепарвои ман,*
*Ту набошӣ ёри ман,*
*Сомон наояд кори ман.*

ё худ:

*То шароби ишқ дар ҷоми таманно рехтанд,*
*Ғунчаҳо хун аз даҳони худ чу мино рехтанд[8, с.37].*

---

[5] *Инҷо ва дигар ҷо тарҷумаҳо аз муаллифи мақола аст.*

Доир ба роҳҳои мухталифи таъсиси мактаби мақомсароии Хуҷанд бояд зикр намуд, ки бино ба идома ёфтани анъанаҳои бисёрасраи фарҳанги мусиқии тоҷик ташаккули хусусиятҳои мусиқии классикӣ ва касбии тоҷик маҳз дар натиҷаи интиқоли анъанаҳои касбӣ, мактабҳои илмӣ ва амалии мусиқӣ сурат гирифтааст, ки он тавассути усули нодири «устод-шогирд» амалӣ гардид [40, с.34].

Бидуни тардид, дар байни ин чеҳраҳои маъруфи ҳунарӣ ҷойи махсусро симои эҷодӣ ва меросдори бузурги мақомсарой устоди мусиқии ҳирфаӣ, бастакор ва ходими намоёни фарҳанги миллӣ устод Содирхон Ҳофиз ишғол намудааст.То ин замон доир ба ҳаёт ва эҷодиёти ин шахсияти нодири фарҳанги халқи тоҷик ягон таҳқиқоти комил тасниф нагардидааст, гарчанде мероси мусиқии ӯ ҳанӯз аз охири солҳои сиюми асри XX дар мадди назари муҳаққиқони мусиқии тоҷикӣ қарор гирифта буд [43, с.96; 46, с.108; 20, с.141-146; 21, с.141-145; 37, с.224-225; 38; 42, с.132-138].

Яке аз донишмандони ин соҳа Н.Зубков (бо ибтикори А.Прокофев) соли 1946 аввалин шуда 14 оҳангро аз эҷодиёти Содирхон Ҳофиз ба нота гирифта нашр намудааст[14, с.36]. Дар ин давра дар Хуҷанд, Хӯқанд, Самарқанд, Бухоро, Тошканд доираи мутахассисони соҳиби саводи нотаи аврупой хеле васеъ гардида буд, аз ин сабаб метавон гуфт, ки тавассути нашри оҳангҳои Содирхон Ҳофиз аҳли ҳунар, хусусан мақомсароён аз услуби хос ва муҳтавои бадеии мусиқии хуҷандӣ баҳраманд шудаанд.

Аз ҷониби дигар, ин ташаббуси нодир ва тавассути хатти аврупоии нотанависӣ паҳн гардидани мероси Содирхон дар ҳаёти маданиии Тоҷикистони навин ҳодисаи бузурги фарҳангӣ шуд, зеро дастраси мутахассисони соҳаи мусиқӣ шудани оҳангҳои Содирхон фавран имконияти истифодаи онҳоро дар асарҳои композиторон, дар мусиқиҳои намоишҳои театрӣ би миён овард. Ғайр аз ин аз эҷодиёти устоди Хуҷандӣ нотанависӣ ва нашри онҳо бар зидди ақидаҳои вайрон ва қисман маҳалгароёнаи он замон, ки гӯё мақомҳо танҳо ва танҳо дар Бухорову Самарқанд маъмул бошанд, ҷавоби қотеъона дода тавонист.[6]

Эҷодиёти Содирхон Ҳофиз пайваста бо эҷодиёти дигар сарояндагони бузурги тоҷик Домулло Ҳалим Ибодов, Усто Шодӣ Азизов, Хоҷӣ Абдурраҳмон Умаров, Хоҷӣ Абдулазиз Расулов ва ҳофизи марғилонӣ Мулло Туйчӣ Тошмуҳаммадов инкишоф ёфтааст.

Аз маълумоти дар мақола оварда шуда ва таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо чунин хулоса бармеояд, ки устодони мактаби мақомсароёни Хуҷанд аз қабили Мадумар Ҳофиз, Содирхон Ҳофиз, Бузургхонтӯра, Маъруфхоҷа Баҳодуров, Мақсудҷони Танбӯрӣ ва дигарон дар тӯли наздики як аср ба ҷараёни рушди ҳунари мақомсарой ба эҷодиёт ва репертуари иддаи муайяни ҳунармандони Хӯқанд, Тошканд таъсири назаррас кардаанд.

Дар ҳар сурат яқин аст, ки дар ин давру замон, яъне дар охири асри XIX ва аввали а. XX намунаҳои нодиртарини Ушшоқро танҳо Ҳоҷӣ Абдулазиз, Содирхон Ҳофиз ва Мадумар Ҳофиз эҷод карда тавонистаанд. Тахмин меравад, ки намунаи дигар ва хеле маъруфи Ушшоқ – яъне Ушшоқи Хӯқанд ин ҳамон варианти "Қадимги Ушшоқ" аст, ки доир ба он О. Матякубов ибрози андеша намудааст.

Симои хеле барҷастаи эҷодии Содирхон Ҳофиз, Ҳоҷӣ Абдулазиз, Мадумар Ҳофиз, Маъруфхоҷа Баҳодуров, Мақсудҷони Танбӯрӣ, Боймуҳаммад Ниёзов, Ҷурабек Набиев навовариҳои онҳо ба услуби иҷрогарӣ, оҳангҳои тозаэҷодашон, талқини орифонаи шеъри классикӣ ва муосир далели он шуда метавонад, ки устодони хуҷандӣ соҳиби мактаби хоси бастакорӣ ва иҷрогарӣ буда, маҳсули олии эҷодиашон дар фазои фарҳангии воҳаи Хуҷанд ва берун аз он таҷаллӣ намудааст.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абдуллоев, Р. О некоторых особенностях Катта-ашула/Р.Абдуллоев//Проблемы музыкальной науки Узбекистана.- Ташкент.- 1973.- С. 68-74.
2. Абдуллоев, Р. Юнус Ражабий ва ӯзбек мақомлари/Р.Абдуллоев//Шашмақом сабоқлари. Мақола ва маърузаларнинг учинчи тӯплами. – Тошкент, 2007. – С.28-37.
3. Абдурашидов, А. Омӯзиши авзони шеър ва мусиқӣ (арӯз ва мусиқӣ).Нашри дуюм. Дастурамали таълимӣ/ А.Абдурашидов. – Душанбе, 2002, – 52 с.


[6] Худи ҳамон давра дар водии Қаротегин ва Дарвоз муҳаққиқи дигар О.Л.Данскер аз устод Акашариф Ҷӯраев оҳангҳо соф классикии "Ушшоқи Дарвоз", "Талқини Дарвоз" ва ғайраро сабт ва нотанавис кард. Бо ҳамин исбот гардид, ки ҳатто дар кӯҳистони дурдасти Тоҷикистон суннатҳои қадимии мақомсарой мавҷуд будаанд.

4. Абдурашидов, А. Танбур и его функция в изучении ладовой системы Шашмакома. – Автореферат дисс.на соискание уч.степени канд. искусствоведения/ А.Абдурашидов.- Ташкент, 1991. – 26 с.
5. Абдурашидов, А. Шашмақом ва масоили инкишофи он/А.Абдурашидов. – Душанбе: Бухоро, 2012 – 120 с.
6. Абдурашидов, А. Фарҳанги тафсирии истилоҳоти Шашмақом/ А.Абдурашидов. – Душанбе, Адиб, 2016 – 399 с.
7. Азизи, Ф.Маком и Фалак как явление профессионального традиционного музыкального творчества таджиков/Ф.Азизи. – Душанбе, 2009. – 398 с.
8. Азизова, Ф.А.Шашмаком и рага (Краткий компаративистский анализ)/Ф.Азизов. -Душанбе, 1999. – 167 с.
9. Аминов, Ҳ. Мусиқий баёзлар /Ҳ.Аминов // Шашмақом сабоқлари. - Тошкент, 2005.- С.32-49.
10. Аминжонов, Р.Н. Эволюция «Шашмакома» (во второй половине XIX – начале 40-х годов XX века)/Р.Н.Аминжонов. – Худжанд: Нури маърифат, 2019. – 228 с.
11. Амонов, Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ/Р.Амонов. – Душанбе: Дониш.- 1967.-296 с.
12. Амонов, Р. Лирикаи халқии тоҷик/Р.Амонов.-Душанбе: Дониш.–1968.– 410 с.
13. Амонов, Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи Кӯлоб/Р.Амонов. – Душанбе, – 1963. – 252 с.
14. Амонов, Р. О поэтической основе Шашмакома /Р.Амонов//Профессиональная музыка устной традиции народов Ближнего, Среднего Востока и современность.(Материалы Международного музыковедческого симпозиума, Самарканд, 3-6 октября 1978г.).-Ташкент. – 1981. – С. 56-61.
15. Избранные произведения Содырхона (Бобошарифова). - Сталинабад, 1946. – 36 с.
16. История культурного строительства в Таджикистане (1917 – 1974). -Душанбе, 1983. – С.154.
17. Кушакевич, А.А.Статистические сведения о городах Ходженте и Ура-Тюбе А.А.Кушакевич//Материалы для статистики Туркестанского края. Ежегодник, вып.1. – СПб., 1872. – С.52.
18. Матёқубов, О. Мақомот/О.Матёқубов.–Тошкент: Мусиқа, 2004.-400 с.
19. Матякубов, О.Узбекская классическая музыка/О.Матякубов.-Тошкент - 2015.-133с. -2 т.
20. Мирбабаев, А.К. Историческое наследие Худжанда/А.К.Мирбабаев.–Душанбе, 1995. – 135 с.
21. Неъматов, Н.Выдающийся классик таджикского искусства Содирхон/Н.Неъматов, С.Марофиев // Сообщения Государственного объединенного музея историко-краеведческого и изобразительного искусства. Вып.VI. – Душанбе, 1966. – С.141-146.
22. Неъматов, Н.Ҳофизи шӯҳратманд/Н.Неъматов,Н.Нурҷонов//ШарқиСурх. – 1958.- № 8. – С.141-145.
23. Низамов, А. Ибн Сино и таджикская классическая музыка/А.Низамов//Торжество разума (Материалы Международного симпозиума, посвященного 1000-летию со дня рождения Абу Али Ибн Сино.- Душанбе, – 1988. – С.278-281.
24. Низамов, А. Нубы стран Магриба и черты их общности с Шашмакомом/А.Низамов //Профессиональная музыка устной традиции народов Ближнего, Среднего Востока и современность. – Ташкент, – 1981.- С.221-227.
25. Низамов, А. Ибн Сино и его музыкально-теоретические сочинения//Абу Али Ибн Сино и его эпоха. – Душанбе, – 1980. – С.181-191.
26. Низамов, А. Шашмаком и современное композиторское творчество/А.Низамов//Материалы по истории и истории культуры Таджикистана. – Душанбе, – 1980. – С.336-344.
27. Низамов, А. Суфизм в контексте музыкальной культуры народов Центральной Азии/А.Низамов. – Душанбе, – 2000. – 296 с.
28. Низамов, А.(Низами Аслиддин). Наследие Борбада и таджикская классическая музыка/А.Низамов//Известия Академии наук Таджикской ССР, серия: востоковедение, история, филология. №1 –1989. – С.73-77.
29. Низамов, А. (Низами Аслиддин) Наследие Борбада и таджикская классическая музыка/А.Низамов//Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. – Душанбе. – 1990. – С.87-89.
30. Низомӣ, Аслиддин. Таърихи мусиқии тоҷик/А.Низомӣ. – Душанбе, – 2014. – 382 с.
31. Низомӣ, Аслиддин. Масоили назарияи мусиқӣ дар осори Фазлиддин Шаҳобов// Шиҳоби мусиқӣ (мураттиб - Ф.Азизӣ)/А.Низомӣ. – Душанбе, – 2011. –С.171-176.
32. Низомӣ, Аслиддин.Нақши Баёзҳо дар ташаккули силсилаи Шашмақом/А.Низомӣ//Баёзи Шашмақом. – Душанбе: Дониш. – 2016. – С.7-25.
33. Низомов, А. Таърих ва назарияи Шашмақом/А.Низомов. – Душанбе. – 2006. – 501 с.

34.Низомов, А. (мураттиб ва муҳаррир) Устод ва шогирд. Устодони мусиқии суннатии тоҷик/А.Низомов. – Душанбе: Рафиграф. – 2006. – 31 с.
35.Низомӣ, Аслиддин. Мухтасари Шашмақом/А.Низомӣ //Шашмақом. ҷ.1 Рост.–Душанбе, – 2007. – С.3-14.
36.Низами, Аслиддин. Великий знаток гармонии звуков и тайн человеческой души (К 1150-летию Абубакра ар-Рази)/А.Низомӣ//Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан.– Душанбе, 2016. - №3. – С.102-108.
37.Пӯлодзода, М. Гули рӯи хорсанг/М.Пӯлодзода. – Конибодом, 2017. – С.28-29.
38.Раджабов, А. Ходжент и музыкальная культура таджиков/А.Раджабов//Исследования по истории и культуре Ленинабада. – Душанбе, 1986. – С.224-225.
39.Раҷабов, З. Содирхон Ҳофиз/З.Раҷабов//Тоҷикистони Сурх. – 1940.- № 125.- 2 июн.
40.Рустамов, Д.Мирзоқурбон Солеҳов - ромишгари мумтози тоҷик. Маҷмӯаи асарҳо барои дутор ва ғижжак/Д.Рустамов.–Хуҷанд, 2002. – С. 3-4.
41.Саидкаримов, Б. Из истории песенной культуры Худжанда второй половины XIX – начала XX столетий. Диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук/Б.Саидкаримов. – Худжанд, 2012. – С. 34.
42.Саидкаримов, Б. Ҳаёти мусиқии Хуҷандшаҳр (охири асри XIX – ибтидои асри XX) /Б.Саидкаримов. – Хуҷанд, 2002. – 56 с.
43.Саидкаримов,Б.Содирхон Ҳофиз - сароянда ва навозандаи мумтоз /Б.Саидкаримов//Номаи Донишгоҳ.Илмҳои ҷомеашиносӣ.- 2007. -№1(14). – С.132-138.
44.Содирхон, Бобошарифов (Содирхон Ҳофиз). Асарҳои мунтахаб. Мураттиб, муаллифи пешгуфтор, ҳавошӣ ва феҳристи осор Н.Ҳакимов/С.Бобошарифов. – Хуҷанд: Меркурий принт, 2011. – 96 с
45.Худойбердиев, С. Ҳофизони мумтози халқии Тоҷикистон/С.Худойбердиев.-Тошканд-Хуҷанд, 2000. – 108 с.
46.Қосимов, Р.Тошкент мақомлари хусусида/Р.Қосимов// Шашмақом сабоқлари. т. 2. - Тошкент, 2005.-С.98.

## REFERENCES:

1. Abdulloev, R. About some features of Katta-ashula. //Problems of musical science of Uzbekistan. - Tashkent. - 1973. – P.68-74.
2. Abdulloev, R. Yunus Rajabi and Uzbek maqoms. //Lessons of Shashmaqom. The third collection of articles and lectures. - Tashkent, 2007. - P.28-37.
3. Abdurashidov A. Learning the power of poetry and music (aruz and music), second edition. Educational manual. - Dushanbe, 2002, - 52 p.
4. Abdurashidov, A. Tanbur and its function in the study of the Shashmaqom modal system. – Abstract of a dissertation for the academic degree of candidate of art history.Tashkent,1991. – 26 p.
5. Abdurashidov, A. Shashmaqom and issues of its development. - Dushanbe, Bukhara, 2012 - 120 p.
6. Abdurashidov, A.Interpretive culture of Shashmaqom terms - Dushanbe, Adib, 2016 - 399 p.
7. Azizi F. Makom and Falak as phenomena of professional traditional musical creativity of Tajiks. – Dushanbe, Dushanbe, 2009. – 398 p.
8. Azizova, F.A. Shashmaqom and raga (Brief comparative analysis). Dushanbe, 1999. – 167 p.
9. Aminov, H. Musical songs. // Lessons of Shashmaqom. - Tashkent, 2005- P.32-49.
10.Aminjonov, R.N. Evolution of “Shashmaqom” (in the second half of the 19th century – early 40s of the 20th century). – Khujand: Nuri marifat, 2019. – 228 p.
11.Amonov, R. Folk rubāʿīs and artistic symbols. - Dushanbe:Donish.-1967.-296 p.
12.Amonov, R. Tajik folk lyrics.-Dushanbe: Donish.-1968.- 410 p.
13.Amonov, R. Folk art of Kulob. - Dushanbe, - 1963. - 252 p.
14.Amonov, R. On the poetic basis of Shashmaqom // Professional music of the oral tradition of the peoples of the Near, Middle East and modernity. (Materials of the International Musicological Symposium, Samarkand, October 3-6, 1978). - Tashkent. – 198. – P.56-61.
15.Selected works of Sodyrkhon (Bobosharifov). - Stalinabad, 1946. - 36 p.
16.History of cultural construction in Tajikistan (1917 - 1974). - Dushanbe, 1983. - P.154.
17.Kushakevich, A.A. Statistical information about the cities of Khujand and Ura-Tube // Materials for statistics of the Turkestan region. Yearbook, issue 1. – St. Petersburg, 1872. – P.52.
18.Mateubov, O. Makomot. – Tashkent, 2004.-269 p.
19.Matyakubov, O. Uzbek classical music. - vol.2., Tashkent - 2015.-133 p.

20.Mirbabaev, A.K. Historical heritage of Khujand.-Dushanbe, 1995.-135p.
21.Nematov N., Marofiev S. Outstanding classic of Tajik art Sodirkhon//Messages of the State United Museum of Historical, Local Lore and Fine Arts. Issue VI. – Dushanbe, 1966. – P.141-146.
22. Nematov N., Nurjonov N. The famous Hafiz//Sharqi Surkh. - 1958. - No. 8. - P.141-145.
23.Nizamov A. Ibn Sino and Tajik classical music//Triumph of Reason (Materials of the International Symposium dedicated to the 1000th anniversary of the birth of Abu Ali Ibn Sino. - Dushanbe, - 1988. - P.278-281.
24.Nizamov, A. Nubs of the Maghreb countries and features of their commonality with Shashmakom // Professional music of the oral tradition of the peoples of the Near, Middle East and modernity. – Tashkent, – 1981.- P.221-227.
25.Nizamov, A. Ibn Sino and his musical theoretical works // Abu Ali Ibn Sino and his era. – Dushanbe, – 1980. – P.181-191.
26.Nizamov, A. Shashmakom and modern compositional creativity // Materials on the history and history of culture of Tajikistan. – Dushanbe, – 1980. – P.336-344.
27.Nizamov, A. Sufism in the context of the musical culture of the peoples of Central Asia. – Dushanbe, 2000. – 296 p.
28.Nizamov, A. (Nizami Asliddin). The legacy of Borbad and Tajik classical music // News of the Academy of Sciences of the Tajik SSR, series: oriental studies, history, philology.– 1989.-№ 1 – P.73-77.
29.Nizamov, A. (Nizami Asliddin) The heritage of Borbad and Tajik classical music // Borbad and the artistic traditions of the peoples of Central and Western Asia: history and modernity. - Dushanbe. – 1990. – P.87-89.
30.Nizami, Asliddin. History of Tajik music. - Dushanbe, - 2014. - 382 p.
31.Nizami, Asliddin. Issues of music theory in the works of Fazliddin Shahobov//The bright shooting star of music (edited by F.Azizi).-Dushanbe.- 2011. - P.171-176.
32.Nizami, Asliddin. The role of Bayaz in the formation of the Shashmaqom series//Bayazi Shashmaqom. - Dushanbe: Knowledge. - 2016. - P.7-25.
33.Nizamov, A. History and theory of Shashmaqam. - Dushanbe.-2006.-501 p.
34.Nizamov, A. (compiler and editor) Master and student. Masters of traditional Tajik music. - Dushanbe: Rafigraf. - 2006. - 31 p.
35.Nizami Asliddin. Summary of Shashmaqom //Shashmaqom.v.1 Right. - Dushanbe, - 2007. - P.3-14.
36.Nizami Asliddin. A great connoisseur of the harmony of sounds and secrets of the human soul (To the 1150th anniversary of Abubakr ar-Razi)//Bulletin of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A. Bakhovaddinov Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. No. 3. – Dushanbe, 2016. – P.102-108.
37.Polodzoda, M. A flower on a rock. - Konibodom, 2017. - P.28-29.
38.Radjabov, A. Khujand and the musical culture of Tajiks //Research on the history and culture of Leninabad. – Dushanbe, 1986. – P.224-225.
39.Rajabov, Z. Sodirkhan Hafiz. // Red Tajikistan. - 1940, No.-125.- June 2.
40.Rustamov,D. Mirzaqurban Solehov is a classic Tajik poet. A collection of works for strings and strings. - Khujand, 2002. - P.3-4.
41.Saidkarimov, B. From the history of the song culture of Khujand in the second half of the 19th - early 20th centuries. Dissertation for the academic degree of Candidate of Historical Sciences/B. Saidkarimov. – Khujand, 2012. – P. 34.
42.Saidkarimov B. Musical life of Khujand (end of the 19th century - beginning of the 20th century) / B. Saidkarimov. - Khujand, 2002. - 56 p.
43.Saidkarimov, B. Sodirkhan Hafiz - a famous singer and musician/B.Saidkarimov//Scientific notes. Social Sciences.- 2007. -№1(14). - P.132-138.
44.Sodirkhan Bobosharifov (Sodirkhan Hafiz). Selected works. Compiler, author of the foreword, summary and catalog of works N. Hakimov. - Khujand: Mercury Print, 2011. - 96 p.
45.Khudoiberdiev, S. The outstanding memory of the people of Tajikistan.Tashkent-Khujand,2000. - 108 p.
46.Kasimov, R. About Tashkent maqoms// Shashmaqom lessons. t. 2. - Tashkent, 2005.-P.98.